# ТАҚРИЗ

ба автореферати Сафарзода Зайнудин дар мавзӯи "Сифатҳои гӯштии чорвои популятсияи маҳаллӣ дар асоси дурагакунӣ бо зоти сарсафеди қазоқӣ дар шароити минтақаи Кӯлоб" барои дарёфти дараљаи илмии номзади илмњои кишоварзї аз рӯйи ихтисоси 4.2.2 - Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ пешниҳод гардидааст.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба корҳои илмӣ–тадқиқоти селексионӣ оид ба баровардани типу зотҳои нави чорвои кишоварзӣ ва таҳкими фонди миллии генетики чорводории кишвар диққати махсус медиҳад.

Бояд қайд намуд, ки олимони соҳаи чорводорӣ дар самтҳои чорвои гӯштӣ ва ширӣ дурагакунии байни зотҳоро амалӣ намуда, сифатҳои хоҷагидорию биологӣ ва маҳсулнокии ҷавонаҳои дурагаи омехтаи чорвои гӯштиро омӯхтанд. Зиёд кардани саршумори чорвои дурага ва ҳамзамон афзоиши саршумори чорвои сермаҳсули чорвои гӯштӣ, ки ба шароити кӯҳӣ хуб мутобиқ карда шудаанд, ба афзоиши истеҳсоли гӯшти гов дар кишвар мусоидат намуд.

Аз тарафи муаллиф муайян карда шудааст, ки гӯсолаҳое, ки давраи нисбатан инкишофи кӯтоҳи эмбрионалӣ доранд, бо энергияи баланди афзоиш пас аз таваллуд дар муқоиса бо гӯсолаҳое, ки дар марҳилаҳои нисбатан дар давраи охири рушд таваллуд шудаанд, фарқ мекунанд.

Омӯзиши давомнокии бордоршавӣ ва инкишофи ҷанин дар давраи ҳомилагӣ вобаста ба зоти падарӣ нишон додааст, ки он дар говҳои популятсияи маҳаллӣ, ки бо буққаҳои беҳтаркардашудаи маҳаллӣ бордор карда шудаанд, тӯлонитар буда нисбат ба инкишофи дохилибатнии насли бо зоти сарсафеди қазоқӣ, ки давраи кӯтоҳтарро ташкил намуд.

Муқаррар карда шудааст, ки давомнокии инкишофи ҷанин дар давраи ҳомилагӣ на танҳо вобаста аз модар, балки аз тарафи падарӣ низ вобастагӣ дорад. Маълум аст, ки дар чунин зотҳо, ба монанди абердин – ангус, герефорд, сарсафеди қазоқӣ, ҷейсерӣ, давраи инкишофи ҷанинӣ дар аксари ҳолатҳо нисбат ба ҷинсҳои симменталӣ, швитсӣ ва гурӯҳҳои маҳаллии чорво кӯтоҳтар аст. Муайян карда шуд, ки байни вазни зиндаи гӯсолаҳо ҳангоми таваллуд гирифта шуда ва вазни онҳо дар синни балоғат алоқамандии мусбӣ вуҷуд дорад. Ба чунин аломатҳо аҳамияти муайяни селексионӣ дода мешавад, ва байни вазни модар ва давраи ҳомилагӣ ва ҳангоми таваллуд вобастагӣ вуҷуд дорад.

Автореферат бо услуби илмӣ, пайдарпай ва бо забони фаҳмо навишта шуда, мақсад, вазифаҳо, навгониҳо ва хулосаҳо бо ҳам мутобиқ мебошанд. Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда пурра аз натиҷаҳои тадқиқот бармеоянд.

Хулоса: Автореферати диссертатсияи Сафарзода Зайнудин дар мавзӯи “Сифатҳои гӯштии чорвои популятсияи маҳаллӣ дар асоси дурагакунӣ бо зоти сарсафеди қазоқӣ дар шароити минтақаи Кӯлоб” ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараљаи илмии номзади илмњои кишоварзї аз рӯйи ихтисоси 4.2.2 - Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ мебошад.

Тақриздиҳанда:
д.и.в., профессори кафедраи
эпизоотология ва паразитологияи
ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур ,
Мирзоаҳмадов Шоаҳмад Раҷаматович

12. 06.2026 г.

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кучаи Гагарин 52 “А”.
Tel.: (+992) 935700716
E-Mail: shoahmad1953gmail.com

Имзои Мирзоаҳмадов Ш. Р. -ро тасдиќ мекунам
Сардори шуъбаи таъминоти хукуки ва кадрњо А.Х.Курбонзода.

Донишгохи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншо Шохтемур
**Суроға:** 734034, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146
Tel./Fax.: (+992-37) 224-72-07
E-Mail:rektortau 31 @ mail.ru

12.06.2026 г.